# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA–002–и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ вобаста ба диссертатсияи Гулрӯи Сухроби Ҷурахонзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

Бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.KOA–002 аз 30.09.2022 комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ карда шуд: Абдуллоев Маҳмуд Холович –доктори илмҳои таърих, профессор, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик раиси комиссия, Шарипов Анвар Абдурасулович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, дотсенти кафедраи психология, узви комиссия, Бозоров Хушвахт – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, дотсенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ, узви комиссия.

Мавзуи таҳқиқотии диссертатсионии Гулрӯи Сухроби Ҷурахонзода дар шароити кунунӣ мубрам буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертатсия мутобиқи талаботи низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ (протоколи №7 аз 25.02.2022) ва семинари илмӣ–методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (протоколи №1 аз 13.09.2022) муҳокима гардидааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31–33 ва 53–и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои кори илмӣ – таҳқиқотии Гулрӯи С.Ҷ. 1 монография, 1 дастури таълимӣ ва 14 номгӯи мақолаҳои илмӣ ба табъ расида, мебошад, ки аз ин микдор 8–тояшро маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА – ФР, 4–тои бокимондаашро маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналимлалӣ ташкил медиҳанд.

**Мақсади таҳқиқот:** – аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок намудани моҳияти хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:**

– дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ курсҳои баланд бардоштани ихтисоси муаллимони ҷумҳурӣ роҳандозӣ шудааст;

– машғулиятҳои назариявию амалӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоб, ноҳияи Восеъ ва ноҳияи Ҳовалинг татбиқ шудаанд;

– ҷанбаҳои педагогии омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллӣ таҳия карда шуданд;

– тавсия ва дастурҳои методӣ марбут ба тарбияи худшиносии милии хонандагони муассисаҳои миёнаи умумӣ пешниҳод гардиданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**:

1. Меъёрҳо, роҳҳо ва хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардида, истифодаи усули инноватсионии таълими корҳои беруназсинфӣ пешниҳод гардид;

2. Роҳҳо ва нишондиҳандаҳои мусбати ҳисси худшиносии миллии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асоснок ва ошкор карда шуданд;

3. Нақш ва мақоми худшиносии миллӣ дар муассисаҳои миёнаи умумӣ вобаста ба шароит ва талаботи педагогӣ муайян карда шуд;

4. Амсилаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ таҳия карда шуд.

5. Ташкили корҳои тарбиявию беруназдарсӣ дар мактаб ҳамчун заминаи таърихию фарҳангӣ барои рушди минбаъдаи насли наврасу ҷавонон илман асоснок карда шуд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Моҳияти кори диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D010301–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, ягонагии натиҷаҳо, ва муқаррароти илмӣ барои ҳимоя ошкор гардидааст, ки аз саҳми шахсии муҳаққиқ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

Талаботи низомномаи шурои диссертатсиониро ба ҳисоб гирифта, комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода чунин тавсия медиҳад:

a) диссертатсияи Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA–002 – и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷозат дода шавад;

**b) ба сифати муассисаи пешбар**: Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон интихоб карда шавад;

c) **ба сифати муқарризони расмӣ**: Латифзода Диловар Назришоҳ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхуҷа Сатторов; Аҳмадзода Зулфия Кабир – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба идеология, тарбия ва робита бо

ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шаванд;

d) барои дар шуро муайян кардани вақти ҳимоя, ҷойгир кардани эълон, паҳн кардани автореферат, дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои таърих,
профессор: М.Х. Абдуллоев

Аъзои комиссияи экспертӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент: А.А. Шарипов

Аъзои комиссияи экспертӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент: Х. Бозоров

*Имзоҳои М.Х. Абдуллоев, А.А. Шарипов ва Х. Бозоров - ро тасдиқ менамоям.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ф.А. Амиров

14.10.2022